**Тақризи**

**мушовири илмии докторанти PhD-и Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Парвоева Нурҷаҳон дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Парвоева Н. З. соли 2012 факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоевро хатм карда, дорандаи дипломи дараҷаи бакалаврӣ аз рӯи ихтисоси "Забоншинос, муаллими забони англисӣ" мегардад.

Соли 2015 зинаи магистратураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзодаро хатм намуда, соҳиби дипломи аълочии дараҷаи магистр аз рӯйи ихтисоси "муаллими забони англисӣ" мегардад. Аз соли 2015 то соли 2018 дар зинаи докторантураи ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода аз рӯйи ихтисоси 6D021300 таҳсил кардааст.

Дар давоми омодасозии диссертатсия Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна чун докторанти (PhD)-и кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода буда, дар кафедраи филологияи англис дар вазифаи ассистент фаъолият мекард.

Диссертатсия дар мавзуи **«Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ)** дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст. Диссератсияи мазкур аз мукаддима се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар сарсухан муаллиф муҳимияти интихоби мавзӯъро асоснок карда, дараҷаҳои таҳқиқот, максад ва вазифаҳо, навовариҳои кор, асосҳои методологӣ ва ҷанбаҳои амалии таҳқиқотро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Дар боби якуми диссертатсия «**Асосҳои назариявии таҳқиқоти муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо дар илми забоншиносӣ**» муаллиф ҳолатҳои назариявӣ ва методологиро баён намудааст. Дар боби мазкур доир ба категорияҳои асосии забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ: тибқи тафсилоти фарҳангшиносӣ арзишҳо, маҷмӯи ғояҳо, меъёрҳои ахлоқӣ, ҳуқуқ ва ғ. дар ҳаёти одамон, новобаста аз мақоми иҷтимоӣ, миллат,

эътиқодоти динӣ, маълумот, синну сол, ҷинс ва амсоли инҳо аҳамияти афзалиятнок доранд. Боби мазкур аз панҷ зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум «Зарбулмасалу мақолҳо мавзӯи асосии таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ» паремиология, забоншиносии фарҳангӣ ва кавмӣ таҳқиқ шуда, фикру ақидаҳои забонишиносон оид ба шарҳи истилоҳи мазкур нишон дода шудааст.

Дар боби дуюм **«Вижагиҳои маъноии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ»** муаллиф ба таснифоти луғавии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ ва англисӣ таваҷҷуҳ намуда, қабатҳои лексикии онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда муайян намудааст. Боби мазкур аз 6 фасл ва ду зерфасл иборат буда, дар онҳо вижагиҳои маъноии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахониву англисӣ таҳқиқ шуда, аз лиҳози забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ ҳар зарбулмасалу мақол баррасӣ шудаанд. Зарбулмасалу мақолҳо арзишҳои ахлоқии мардумони забонҳояшон муқоисашавандаро инъикос намуда, анъанаҳои миллӣ, аз он ҷумла муносибатҳои оилавию хешутаборӣ, муносибати инсон ба меҳнат ва анъанаҳои меҳмонавозии онҳоро таҷассум мекунанд.

Боби сеюми диссератасия «**Вижагиҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ**» ном дошта, дар он хусусиятҳои семантикии вижагиҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои вахониву англисӣ дар асоси унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Ҳикмати халқ дар зарбулмасалу мақолҳои забонҳои муқоисашаванда фаровон зоҳир мешавад ва донистани зарбулмасалу мақолҳои ин халқҳо, на ин ки ба хуб донистани забон, балки ба фаҳмишу дарки беҳтарини андеша ва хислати онҳо мусоидат мекунад. Гуфтан ба маврид аст, ки кори таҳқиқотии мазкур ба дарки дурусту комилан ба ҳам мувофиқи зарбулмасалу мақолҳо, фаҳмиши хусусиятҳои миллии забонҳои вахонию англисӣ мусоидат менамояд.

Бинобар муҳиммияти мавзуи илмӣ ва таҳиқиқоти анҷомдодашуда, диссератсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат намуда, ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Муаллифи диссертатсияи мазкур Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна ҳамчун мутахассиси хуб камол ёфта, сазавори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Мушовири илмӣ**
Доктори илмҳои филологӣ
профессори кафедраи забони
англисӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи миллиии Тоҷикистон Мамадназаров Абдусалом

734025, ш. Душанбе, Хиёбони Рудакӣ 17
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Сардори раёсати кадрҳои
Махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

29.04. 22